Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://istilohot.tj)

# «Сиёсати давлатӣ оид ба забон дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 6 September, 2021 - 15:25
[1]

6-уми сентябри соли 2021 соати 10:30 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ оид ба забон дар давраи Истиқлоли давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита, муовин, узви Ҳайати мушовараи Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита иштирок намуда, бо суханронӣ ва маърузаҳо баромад намуданд.
Раиси Кумита бо ифтитоҳи мизи мудаввар дар арафаи ҷашни бузург ва муқаддаси миллиамон – 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мардуми сарбаланди кишварро бо камоли ифтихору сарфарозӣ табрику таҳният гуфта, ба ҳама саломатию умри дароз, сарбаландию муваффақият ва дастовардҳои нав ба навро таманно намуд.
Аз ҷумла, ӯ таъкид намуд, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳти сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба шарофати меҳнати содиқонаи мардуми кишвар ба давраи сифатан нави рушди иҷтимоиву фарҳангии худ ворид гардида, дар таҳкими минбаъдаи рукнҳои давлатдорӣ, раванди созандагиву бунёдкорӣ ва тарбияи насли солиму ояндасоз қадамҳои устувор гузошта истодааст.
Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки дастоварди бузургтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 30 соли Истиқлоли давлатӣ, пеш аз ҳама, барқарор намудани сулҳу суботи комил, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки маҳз ба шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик таҳти сарварӣ ва ҳидоятҳои созандаи Пешвои муаззами миллат муяссар гардидааст.
Раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода дар охир, ҳамаи иштирокдорони мизи мудавварро ба ҷашни пурифтихори 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самими қалб табрику таҳният гуфта, афзуд, ки ғояи волои Истиқлол, ҳадафҳои наҷиби созандагӣ, омӯзиши донишҳои замонавӣ ва касбу ихтисосҳои муосир ҳамеша ҳидоятгар ва раҳнамои мо ба хотири ободии Ватан ва сарзамини маҳбубамон боқӣ мемонанд.
Баъдан, доир ба дастовардҳои забони давлатӣ дар даврони 30 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Ҳайати мушовараи Кумита – С. Назарзода суханронӣ намуд.
Дар анҷоми мизи мудаввар раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода барои қироати Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханро ба Абдуллоев Ш. дод.
Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ” раиси Кумита – Муҳаммадҷонзода О. бо “Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва муовини раиси Кумита – Раҳматуллозода С. бо “Мушовири давлатии дараҷаи 2” қадрдонӣ карда шуд.

Мизи мудавварро раиси Кумита доктори илмҳои филологӣ – Муҳаммадҷонзода О. ҷамъбаст карда, ба ҳамаи ҳозирин ва дар маҷмуъ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарбаландию муваффақият ва сулҳу салоҳ орзу кард.

Шунидани суруди миллӣ анҷомбахши мизи мудаввар гардид.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

- 

-

- 

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/6772

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/001.jpeg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10
[3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/001.jpeg [4]
http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/002.jpeg [5]
http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/003.jpeg [6]
http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/005.jpeg